**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 96/2с

аз «13» 07 соли 2023

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 27 сентябри соли 2019, №117” ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор лоиҳаи зикршуда ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бори аввал пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ шудааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод шудааст, Маркази миллии қонунгузорӣ хулосаи зеринро пешниҳод менамояд:

1. Тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби таҳиякунанда – Бонки миллии Тоҷикистон риоя гардидааст.

2. Дар бандҳои лоиҳаи болозикр ӯҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ пешбинӣ нагардидааст.

3. Дар лоиҳа барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ, низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон масрафҳои беасос мушоҳида намегардад.

4. Лоиҳаи мазкур барои дуруст татбиқ намудани тартиби интиқоли фаромарзии маблағҳо ва фаъолияти низомҳои пардохтии анҷомдиҳандаи чунин интиқолҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

5. Иловатан пешниҳод мегардад:

1) сархати дуюми банди 3 лоиҳа таҷдиди назар карда шавад, зеро мафҳуми “ҳамкории технологӣ” муайян карда нашудааст;

2) дар матни забони русии лоиҳа банди 2 хориҷ карда шавад;

3) дар матни забони русии лоиҳа хатогиҳои имлоӣ ва грамматикӣ бартараф карда шаванд.

Директор Саидзода И.Ҳ.